# НАМУНАИ

## саволу масъалаҳои тест аз фанни биология барои олимпиадаи ҷумҳуриявии фаннии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ

Дар сомонаи www.ntc.tj ройгон!

## БИОЛОГИЯ

**1** **Асоси интихоби сунъӣ ва табииро чӣ ташкил медиҳад?**

A) тағйирпазирии ирсӣ
B) муборизаи байнинамудӣ
C) муборизаи дохилинамудӣ
D) мутобиқшавӣ

**2** **Дар натиҷаи эволютсия пайдо шудани мутобиқате, ки дараҷаи мукаммалии организмҳои зиндаро баланд мекунад. Сухан дар бораи чӣ меравад?**

A) аллогенез
B) дивергенсия
C) катагенез
D) арогенез

**3** **Омилҳои биологии антропогенезро муайян кунед.**

A) тағйирпазирии ғайриирсӣ
B) истифодаи оташ ва ғизои ҳайвонӣ
C) мубориза барои ҳаёт ва интихоби табиӣ
D) тарзи ҳаёти ҷамъиятӣ

**4** **Узвҳои гомологӣ:**

A) чашми одам ва чашми тортанак
B) ғалсамаҳои харчангҳо ва ғалсамаҳои моҳиҳо
C) шуши нармтанҳо ва шуши ширхӯрон
D) пойи пеши кӯрмуш ва дасти одам

**5** **Ҷинси кӯдаки оянда ва ташаккулёбии ҳамаи узвҳои онро дар кадом мӯҳлат муайян кардан мумкин аст?**

A) дар 15-ҳафтагӣ
B) дар 3-моҳагӣ
C) дар 4-моҳагӣ
D) дар 30-ҳафтагӣ

**6** **Кадом ретсепторҳои тӯрпардаи чашм дарки рангҳоро таъмин мекунанд?**

A) колбачаҳо
B) инабия
C) гавҳарак
D) қарния

**7** **Кадом қисми системаи асаб фаъолияти узвҳои дохилии одамро танзим мекунад?**

A) системаи соматикии асаб
B) қисми марказӣ
C) системаи асаби вегетативӣ
D) қисми канорӣ

**8** **Кадом системаи организм робитаро бо муҳити беруна таъмин менамояд?**

A) ҳозима
B) нафаскашӣ
C) гардиши хун
D) асаб

**9** **Кадом мор тухмзиндазой аст?**

A) куброи осиёимиёнагӣ
B) гурзаи регӣ
C) мори печони тӯрнақш
D) мори афъии муқаррарӣ

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**10** **Кадом ҳашаротҳо чашмҳои мураккаб (фасетокӣ) доранд?**

A) шапалакҳо ва шабушкҳо
B) пашшаҳо ва занбӯри асал
C) кайкҳо ва тортанакҳо
D) гамбускҳо ва хомӯшакҳо

**11** **Даври хурди гардиши хуни хазандаҳо дар куҷо ба охир мерасад?**

A) даҳлези рост B) даҳлези чап C) меъдача D) шуш

**12** **Лучтухмон чӣ надоранд?**

A) тухм B) мева C) чалғӯза D) баргҳо

**13** **Кадом қабати поя растаниро аз бухоршавии барзиёд муҳофизат мекунад?**

A) камбий B) чӯб C) пӯк D) лиф

**14** **Баъди бордоршавӣ дастаи хромосомаи ҳуҷайраи марказӣ чӣ гуна мегардад?**

A) гаплоидӣ B) диплоидӣ C) тетраплоидӣ D) триплоидӣ

**15** **Мувофиқатро муайян кунед:**

| Олим | Кашфиёт |
|---|---|
| A) И.И. Лунин | 1) вирусҳо |
| B) К. Портер | 2) намуд (истилоҳ) |
| C) Д.И. Ивановский | 3) тӯри эндоплазматикӣ |
| D) Ф. Мишер | 4) витаминҳо |
| | 5) кислотаҳои нуклеинӣ |

**Ҷавоб:**

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | | | | | |
| B | | | | | |
| C | | | | | |
| D | | | | | |

**16** **Мувофиқатро муайян кунед:**

| Зинаҳои занҷири ғизоӣ | Организмҳо |
|---|---|
| A) консументҳои тартиби якум | 1) кафтор, гург |
| B) продусентҳо | 2) гӯрхар, оҳу |
| C) консументҳои тартиби дуюм | 3) бактерия, занбӯруғ |
| D) редусентҳо | 4) алаф, булут |
| | 5) ақоқиё, калламуш |

**Ҷавоб:**

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | | | | | |
| B | | | | | |
| C | | | | | |
| D | | | | | |

**17** **Ирсият, тағйирпазирӣ, мубориза барои ҳаёт ва интихоби табиӣ ин ... эволютсия мебошад.**

**Ҷавоб:** ____________________

**18** **Ба узвҳои маркази системаи иммунӣ ғадуди душоха (тимус) ва ... дохил мешавад.**

**Ҷавоб:** ____________________

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**1** **Матнро барқарор кунед.**

**Растаниҳои гулдор**

Растаниҳои гулдор дар олами наботот мавқеи асосиро ишғол менамоянд, чунки дар онҳо қобилияти ____________________ ва паҳншавӣ нағз инкишоф ёфтааст. Растаниҳои гулдор ба шуъбаи растаниҳои ______________ дохил шуда, ______ синфро дар бар мегиранд. Растаниҳое, ки системаи решагии патакреша ва баргҳое, ки рагронии ______________ доранд, ба синфи _______________ мансубанд. Растаниҳое, ки системаи решагии ______________ ва баргҳое, ки рагронии _____________________ доранд, ба синфи _______________ дохил мешаванд. Хусусияти фарқкунандаи ҳамаи растаниҳои ин шуъба мавҷудияти ____________ дар онҳо аст, ки аз _____________ гул инкишоф меёбанд.

> ! Шумораи имконпазири бештарини холҳо – 10, барои ҳар ҷавоби дуруст – 1 хол.

**2** **а) Тартиби дурусти қисмҳои канали ҳозимаи одамро барқарор кунед. Рақамҳоро мувофиқи тартиб пайдарпай дар ҷадвал нависед.**

(1) сурхрӯда
(2) ҳалқ
(3) рӯдаи борик ва ғафс
(4) ковокии даҳон
(5) меъда

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | | | |

> ! Шумораи имконпазири бештарини холҳо – 5.

**б) Мувофиқати сохтор ва қисми системаи асабро муайян намоед:**

| Сохтор | Қисмҳои системаи асаб |
|---|---|
| (А) асаби косахонаи сар ва мағз | (1) марказӣ |
| (Б) асаби ҳароммағз | (2) канорӣ |
| (В) мағзи сар | |
| (Г) гиреҳҳои асаб | |
| (Д) ҳароммағз | |

| А | Б | В | Г | Д |
|---|---|---|---|---|
| | | | | |

! *Дар ҷадвал рақами мувофиқро дар зери ҳарфи мувофиқ нависед.*

> ! Шумораи имконпазири бештарини холҳо – 5, барои ҳар ҷавоби дуруст – 1 хол.

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**3** **Бо истифода аз ҷадвали «Ирсияти гурӯҳи хуни кӯдак» ба саволҳои зерин ҷавоб диҳед.**

**Ирсияти гурӯҳи хуни кӯдак**

| | | **Гурӯҳи хуни падар** | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | I(O) | II(A) | III(B) | IV(AB) | |
| **Гурӯҳи хуни модар** | I(O) | I(O) | II(A)<br>I(O) | III(B)<br>I(O) | II(A)<br>III(B) | **Гурӯҳи хуни кӯдак** |
| | II(A) | II(A)<br>I(O) | II(A)<br>I(O) | ҳамаи гурӯҳ | II(A), III(B)<br>IV(AB) | |
| | III(B) | III(B)<br>I(O) | ҳамаи гурӯҳ | III(B)<br>I(O) | II(A), III(B)<br>IV(AB) | |
| | IV(AB) | II (A)<br>III (B) | II(A), III(B)<br>IV(AB) | II(A), III(B)<br>IV(AB) | II(A), III(B)<br>IV(AB) | |

1) Агар падар дорои гурӯҳи хуни I ва модар дорои гурӯҳи хуни IV бошад, кӯдак бо кадом гурӯҳи хун таваллуд мешавад?
2) Агар кӯдак дорои гурӯҳи хуни II бошад, падару модари ӯ дорои кадом гурӯҳҳои хун мебошанд?
3) Гурӯҳи хуни кӯдакеро муайян кунед, ки аз тамоми гурӯҳҳои хун метавонад хун қабул кунад.

<u>**Ҷой барои ҷавоб ба саволҳо**</u>

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**!** Шумораи имконпазири бештарини холҳо – 10, барои ҷавоби саволи 1-ум – 4 хол, барои саволи 2-юм – 4 хол ва барои ҷавоби саволи 3-юм – 2 хол.

**4** **Номи узвҳои дохилӣ ва берунии занбӯри кориро дар бари банди мувофиқи ҷадвал нависед.**




| | |
|---|---|
| **1** | |
| **2** | |
| **3** | |
| **4** | |
| **5** | |
| **6** | |
| **8** | |
| **9** | |
| **11** | |
| **12** | |

! Шумораи имконпазири бештарини холҳо – 10, барои ҳар ҷавоби дуруст – 1 хол.

**5** **Ҷадвалро пур кунед.**

| Растанӣ | Мева | Оила |
|---|---|---|
| халтаи чӯпон (ҷағ-ҷағ) | | |
| дӯлона | | |
| ақоқиё | | |
| бангидевона | | |
| пахта | | |

! Шумораи имконпазири бештарини холҳо – 10, барои ҳар ҷавоби дуруст – 1 хол.

**6** **Нақшаро пур кунед.**

**Таснифоти захираҳои табиӣ**

**Захираҳои табиӣ**

**Тамомшаванда** — [ ] — Мисол: | [ ] — Мисол:

**Тамомнашаванда** — [ ] — Мисол: | [ ] — Мисол: | [ ] — Мисол:

! Шумораи имконпазири бештарини холҳо – 10, барои ҳар ҷавоби дуруст – 1 хол.

РОЙГОН! сомонаи www.ntc.tj

**7 Истилоҳро дар бари банди мафҳуми мувофиқ нависед.**

| | |
|---|---|
| Интихоби нарина ё модина аз рӯи маҷмӯи аломатҳои зоҳирӣ ва рафтор | |
| Равандҳои генетикӣ-автоматие, ки дар чанд насли популятсия бо таъсири омилҳои тасодуфӣ ба амал омада, боиси тағйирёбии миқдори генҳо мешаванд | |
| Самти эволютсионист, ки ба содашавии организм оварда мерасонад | |
| Қатори ширхӯрони ҳамроҳакдор, ки маймун ва одамро дар бар мегирад | |
| Пастравии ҳолати систематикии гурӯҳ ва хатари фавти он | |
| Тағйирёбии сохтори КДН дар ҳудуди ген | |
| Тарзи дар фазо роҳ ёфтани баъзе ҳайвонот дар асоси таҳлили аксёбии мавҷҳои овоз | |
| Растаниҳои ҷойҳои хушк, ки қобилияти аз саргузаронии норасоии намнокии хок ва атмосфераро доранд | |
| Раванди ба ҳам наздикшавии хромосомаҳои гомологӣ, ки дар профазаҳои якуми тақсимшавии мейоз рӯй медиҳад | |
| Таъсири як бофта (ҷанин) ба қисмҳои дигари ҷанин дар рафти эмбриогенез рафти инкишофи онро дар оянда муайян мекунад | |

! Шумораи имконпазири бештарини холҳо – 10, барои ҳар ҷавоби дуруст – 1 хол.

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj